# САНЪАТИ ТАСВИРӢ



5-6






БОЙНАЗАРОВ Б.И.

# САНЪАТИ ТАСВИРӢ

# 5-6

*Мушовараи*
*Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ба чоп тавсия кардааст*

ДУШАНБЕ
МТЛ ОРЕС
2003

ББК 85.1Я72
Б-80

Китоби мазкур аз ҷониби Маркази татбиқи лоиҳа доир ба нашри адабиёти таълимӣ, тавассути маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

*Бойназаров Б.И.* **Санъати тасвирӣ.** Китоби дарсӣ барои синфҳои 5-6. — Душанбе: МТЛ ОРЕС, 2003, 136 саҳ.

Муҳаррирон
***Розиқ Ҳамидов***
***Сафарбек Назаров***

**© Бойназаров Б.И., 2003**

## ДАРСИ 1

## ОЛАМИ ЗЕБОЙ ДАР АСАРҲОИ РАССОМОН

Аз замонҳои қадим рассомон ба тасвири манзара ва чеҳранигорӣ, дарки зебоиҳои он машғул буданд. Тавассути тасвири бадеӣ ҳар як рассом мекӯшид, ки дар мусавварахо ҷаҳонбинию муносибати эҷодкоронаи худро нисбат ба зебоии оламу атроф нишон диҳад.

Рассоми шинохтаи тоҷик Абдумаҷид Хошмуҳаммадов фаъолияти эҷодии худро соли 1930 оғоз намудааст. Дар мусавварахои худ ӯ ба воситаи санъати тасвирӣ муносибаташро ба оламу одам равшан ифода намуда, табиат ва саховати заминро нишон додааст. Ҳар як мусавварайи ӯ ба манзараҳои зебои ҳамешабаҳори диёрамон, ба мардони илму ҳунар бахшида шудааст. Мусаввараҳои ин рассоми мумтоз ва эҷодкор дар намоиши осорхонаҳои ҷаҳон, шаҳрҳои Санкт-Петербург, Москва, Киев, Тошканд ба марази тамошо гузошта шудаанд.

Мусавварайи А. Хошмуҳаммадов «Тавлиди суруд» (ба расми 1 нигаред) дар жанри зинданигорӣ (живопись) офарида шуда, дар он мавқеи асосиро мӯйсафед-эҷодкори суруд ишғол менамояд. Муаллиф вобаста ба тасвири кӯҳ, осмони нилгуну дарахтони сарсабз, гулҳои ранг ба рангу мӯйсафеди нуронии эҷодкор рангҳои мухталифро мувофиқи мақсад истифода намудааст. Дар расм рангҳои сурх, хокистарранг, сафед, кабуд, сабз, ҷигарӣ мутаносибан ҳамдигарро иваз намудаанд.

Мавқеи асосиро дар асар мӯйсафед-эҷодкори суруд ишғол намуда, мазмуну мундариҷаи асосии он ба воситаи ранг ва ҳамбастагии тамоми ҷузъиёт ифода шудааст. «Тавлиди суруд» таърихан тавлиди шеъру суруди классикиро ба хотир меорад. Дар тасвир асбобҳои зиёди мусиқии ҳозиразамонро намебинем, аммо вай тарзе офарида шудааст, ки бо шеъру суруди имрӯзаи мо иртиботи қавӣ дорад.



Расми 1. А. Хошмуҳаммадов. Тавлиди суруд.

Дарки баланди зебопарастӣ дар мусаввараи «Манзараи Бадахшон»-и Х. Хушвахтов мушоҳида мешавад. Дар мусаввара манзараи кӯҳсори афсонавию пурганҷи Бадахшон тасвир ёфтааст. Зиндагии рангин дар деҳаи хушманзараи кӯҳистон ба мисли руд ҷараён дорад. Рассом манзараи рангину дарахтони сарсабз, қуллаҳои барфпӯш, рӯди равону биноҳои ободу зеборо, ки ба инсон ҳаловату хурсандӣ мебахшанд, тасвир намудааст.

Дар асар инсон дар маркази диққат меистад. Ӯ ба тамоми ҳастии деҳа таваҷҷӯҳ дорад ва ин макон бо зебоиҳояш ба инсон тааллуқ дорад. Ин зинданигорӣ (живопись) бо ҷилои рангҳо таровати зиндагии ҳақиқиро падидор менамояд. Дар тасвири рассом як гӯшаи хоки диёр, ҳатто саросари кишвар, ки ҳар як кафи хокаш манзараҳои такрорнашаванда дорад, ба кас боз азизу муътабар мегардад (ба расми 2 нигаред).



Расми 2. Х. Хушвахтов. Манзараи Бадахшон.



Расми 3. Григорий Николаевич Кузмин. Манзараи Такоб.



Расми 4. Умаров А.П. Натюрморт.

Манзара ва рангҳои табиат, тасвири дарки зебой дар эҷодиёти ҳар як рассом хусусиятҳои нотакрор дорад ва мо онро дар мусаввараҳои манзаравии Кузмин Григорий Николаевич, Расулов Ҷалил, Умаров Аҳмад Пӯлодович ва дигарон дида метавонем.

Мусаввараҳои рассомони номбаршударо (ба расмҳои 3, 4, 5 нигаред) бо ёрии муаллим ва мустақилона омӯзед, оид ба ҳар кадомаш нақл тартиб диҳед.



Расми 5. Расулов Ҷалил. Роғун, 1982.

## ДАРСИ 2
## КОРҲОИ ОРОИШӢ. ОЛАМИ ҲАЙВОНОТ

Шумо расмҳои гуногуни ҳайвонҳоро хеле дӯст медоред. Аз хурдсолӣ бисёр расмҳои ҳайвонотро кашидаед. Ба расмҳои гуногуни ороишӣ аз китобҳои афсона ва намоишҳои оинаи нилгун шинос ҳастед. Ҳар як расм ороиши худро дорад, бинобар ин дар мавриди корҳои ороишӣ рангҳои мувофиқро интихоб намоед, ба мутаносибӣ, зебоӣ ва дурахшонии рангҳо эътибор диҳед. Дар ороиши расм тавассути матн ва сураҳо дар бораи табиату олами ҳайвонот, зиндагии мардуми ҷумҳурии мо нақл карда мешавад.

Доир ба мавзӯи супоридашуда расмҳои гуногунро ҷамъ намоед ва дар асоси ин расмҳо албоми ороиширо тартиб



Расми 1.



Расми 2.

диҳед. Расмҳои ҷамъшударо ба нақшу нигор ва ба таври графикӣ ороиш додан мумкин аст.

# ДАРСИ 3

## ТАСВИРИ АТРОФИ МАКТАБ

Ҳангоми сайру гашт табиати назаррабои атрофи мактабро ҳар кадоми шумо мушоҳида кардаед ва дар хотир доред. Кӯшиш намоед, ки ин зебоиро дар рӯйи коғаз тасвир намоед ва расми кашидаатон ҳам аз ҷиҳати шаклу намуд, ҳам аз ҷиҳати композитсионӣ рангину зебо бошад. Ҳангоми тасвири мавзӯъ фарқияти предметҳои дуру наздикро ба инобат гиред. Чӣ қадаре ки ҷисм дур бошад, ҳамон қадар дар расм хурд тасвир мешавад.

Агар бо диққат нигоҳ кунед, мебинед, ки ҷисмҳои дар наздик буда рангҳояшон нисбатан баландтар, ҷисмҳои нисбатан дур ранги пасттар доранд ва онро перспективаи фазоӣ мегӯянд, ки асоси қоидаи расмкаширо ифода мекунад.

Расми шумо дар мавзӯи тасвири атрофи мактаб бояд ба нусхаи асл алоқа дошта бошад. Маҳал ва манзарае, ки шумо дар он ҷо зиндагӣ ва таҳсил мекунед, бояд дар расмҳоятон ба таври ҳақиқӣ (реалӣ) тасвир шаванд. Ба зебоию рангинии табиати гирду атроф, ҳамоҳангии наботот, ки тавассути меҳнати бачагон ва калонсолон ба даст омадааст, аҳамият диҳед.

Ба зебоии атрофи дарахтон, ки тобиши гуногуни рангҳо назаррасанд, бодиққат назар афканед, манзараи аҷоиби баргҳо, рангҳои сурху бунафш, сурхи ҷигарӣ, норинҷӣ, сабз, кабудчатоб ва ғайраро мебинед, ки олами афсонавиро ба хотир меорад. Кӯшиш намоед, ки ин олами афсонавӣ бо ҳунари баланду дилчасп дар коғаз таҷассум гардад.



Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 4

## КОМПОЗИТСИЯ ДАР МАВЗӮИ ҲУНАРОМӮЗӢ

Ҳар кадоми мо аз айёми кӯдакӣ дар дил орзуи касбу ҳунарҳои гуногун, монанди табиб, омӯзгор, шоир, навозанда, рассом, муҳандис, варзишгар, дуредгар, оҳангар ва ғайра шуданро дорем. Ҳама касб хусусиятҳои ба худ хос, асбобу анҷом ва дастгоҳҳои худро доранд. Мувофиқи касби дӯстдоштаатон композитсияи расми мекашидагиатонро муайян намоед (композитсия гуфта иншои асар, муайян намудани

нияти рассом, ҷобаҷокунии тасвирҳоро дар рӯйи коғаз мегӯянд). Ҳангоми дар ҳамворӣ ҷобаҷо гузоштани тасвирҳо баъзе қоидаҳои умумиро риоя намоед.

Ҳаҷми тасвири ҷисмҳо дар расм бояд тавре интихоб шавад, ки он дар рӯйи варақ ба назар шинам намояд. Аз ин рӯ, чизи асосиро дар композитсия одатан дар мобайн ҷой медиҳанд. Ҷудо кардани чизи асосӣ вазифаи аввалиндараҷаи композитсия мебошад. Масалан, аз асбобҳои мусиқӣ ва дуредгарӣ натюрморт тартиб додан лозим аст. Дар ин ҳолат мо бояд донем, ки композитсияи натюрморт на фақат аз шакл ва ҳаҷми ҷисмҳои бо он дохилшаванда, балки аз тарзи ҷобаҷогӯзории онҳо, муносибати онҳо ба якдигар низ вобаста аст.

Ҳангоми тасвир ҳаҷми варақи коғазро ба эътибор гирифта, ҷисмҳои интихоб кардаатонро дуруст ҷобаҷо гузоред ва расмро тарзе ба қалам диҳед, ки ҷиҳатҳои эҷодкорӣ мароқовар ва назаррас гардад. Ҳангоми бо рангҳо кор кардан ба тобишу хосият ва тағйирёбанда будани онҳо диққат диҳед, то ки фарқияту ҳамоҳангии рангҳо намудор шавад.





Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 5

## ТАСВИРИ МЕВАЮ БАРГҲО (НАТЮРМОРТ)

Дар вақти тасвир кӯшиш намоед, ки ҷойгиршавии ҷисмҳои натюрморт аз ҳар ҷиҳат дар коғаз зебо ва шавқовар бошад. Дар мавриди кашидани расм ҳангоми бо мева якҷоя тасвир намудани баргҳо кӯшиш кардан зарур аст, ки мева шаклу зебоиашро нигоҳ дорад. Инчунин таносуби дуру наздик ҷойгиршавии ҷисмҳоро ба эътибор гиред.

Ҳангоми бо ранг кор кардан ба мутаносибӣ, шаффофии аслӣ ва тозагӣ, ки ҳамбастагию ҳамоҳангии рангҳоро зебою дурахшон нишон медиҳанд, эътибори ҷиддӣ диҳед. Тасвирро аз рангҳои равшани зард, сурхчатоб, норинҷӣ, сабз, ҷигарӣ, ки ҳамбастагии рангҳоро нурафшонӣ менамоянд, шурӯъ кунед. Кӯшиш намоед, ки рӯшноӣ ва соягӣ дар тасвир назаррас бошад.



Расми 1.



Расми 2.



Расми 3.

## ДАРСИ 6

## СОХТАНИ МУҶАССАМАҲОИ ПАРРАНДАГОН

Сохтан ва тасвир намудани ҷисми паррандагону ҳайвонот душвориҳо дорад, зеро паррандагон доимо дар ҳолати парвозанд, ба ҳар тараф ҳаракат мекунанд ва дар чунин ҳолат кашидани расм, албатта, душвор аст.

Барои тасвири дурусти паррандагон сохту шакл, ҳаракатҳои фарққунанда, пайвастшавии узвҳои ҷудогонаи онҳоро омӯхтан зарур аст. Аввал расмро дар варақ аз рӯйи мушоҳидаҳо ба таври тахминӣ кашида, кӯшиш намудан лозим аст, ки он бо композитсияи бою рангин иҷро шавад. Барои сохтани шакли ягон парранда дар навбати аввал такягоҳро аз чӯб, ц[illegible] ё аз сим созед. Сипас, як лунда гилро гирифта, қисми [illegible]данро, ки асоси паррандаро ташкил мекунад, ба шакл дарoред. Қисмҳои ҷудогонаи сар, гардан, пойю қанотро бо пластилин ё гил пайваст намоед. Барои суфта намудани ҷисм аз белчаи ҳайкалтарошӣ истифода баред ё онро бо даст ҳамвор намоед. Амалро аз рӯйи расм иҷро кунед.



Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 7
## ТАСВИРИ МЕВАҲО

Тасвири меваҳо зебоиҳои хоси худро дорад. Ин зебоиҳо дар ҳамоҳангии рангҳо ва равшаниву соя назаррас мегардад. Барои муайян намудани ҷузъҳои нозуки меваҳо (натюрморт) якчанд расми рассомонро аз назар мегузаронем ва мебинем, ки меваҳо бо рангу шакл ва зебоиҳои худ аз ҳам фарқ доранд. Азбаски меваҳо шаклҳои гуногун доранд, ҳангоми кашидани расм онҳоро бо хатҳои борик, ки ба шакли аслӣ мувофиқ аст, тасвир созед. Барои фарқияти дурию наздикии акси меваҳо ҳаракати хатҳоро ба эътибор гиред. Кӯшиш намоед, ки тасвир моҳиронаю мароқовар, зебо ва назаррас барояд.

Дар мавриди бо ранг иҷро намудани кори амалӣ фарқияти дурахшонии тобиши рангҳои аслии ҷисмҳоро, ки дар натиҷаи таъсири фазо хеле тағйир меёбанд, ба эътибор гиред.

Сипас, мутаносибии рангҳоро ба эътибор гирифта, омехтаи рангҳоро тайёр кунед ва баъд, бо мӯқалам расмро кашед. Ҷойҳои торикӣ ва сояафканро бо рангҳои баландтар, мувофиқи шакли ҷисм дар расм нишон диҳед. Тасвирро тарзе иҷро намоед, ки шаффофию ҳамбастагии рангҳо зебою дурахшон таҷассум гарданд.



Расми 1.



Расми 1.

# ДАРСИ 8

## ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ

Мувофиқи талаботи мавзӯъ маводи лозимиро омода кардан зарур аст. Ягон мавзӯи муайянро бодиққат мушоҳида намоед. Баъд аз рӯйи тасаввурот ва хотираи худ расмро мувофиқи мавзӯи интихобкардаатон эҷодкорона ба қалам диҳед. Расмро тарзе кашед, ки аз ҷиҳати композитсия мароқовару пурмазмун бошад. Одамони дар саҳро ба ҷамъоварии ҳосили мева машғул буда, бояд табиӣ тасвир ёбанд.

Дар ҳолати бо ранг кор кардан кӯшиш намоед, ки тобиши рангҳои зард, норинҷӣ, сурх, ҷигарӣ ва дигар рангҳое, ки зебоии табиати зарринро инъикос менамоянд, тасвир ёбанд. Расмро бо рангҳои акварел, гуаш, қаламҳои ранга иҷро кардан мумкин аст. Аз рӯйи расмҳои тасвиршуда кори амалиро эҷодкорона давом диҳед. Дар вақти холӣ шумо метавонед доир ба ин мавзӯъ аз қоғаз ва гил истифода бурда, супоришро иҷро намоед.



Расми 1.



Расми 2.

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Ба корҳои ороишӣ машғул шавед. Расмҳоро бо роҳҳои гуногун ороиш додан мумкин аст. Вобаста ба мазмуни расм тарзи ороишеро истифода бурдан зарур аст, ки зебоиро дурахшон нигоҳ дорад. Ҳангоми иҷро намудани корҳои ороишӣ ба ҷобаҷогузории рангҳо эътибор диҳед. Зебоии ороиш аз ҳамоҳангии рангҳо вобаста аст. Расмҳоро бо рангҳои акварел ва гуаш тарзе ороиш додан лозим аст, ки тобишу таровати он дар расм намудор шавад.

## ДАРСИ 9
## МАНЗАРАИ ТИРАМОҲИ ЗАРРИН

Манзараи дилрабои тирамоҳи зарринро мушоҳида намуда, лаҳзаҳои мароқовару нотакрори онро дар хотир нигоҳ доред. Аз зебоии атроф доираи ҷаҳонбинӣ ва таҳаюлоту тасаввуроти худро ғанӣ гардонед. Диққати асосиро ба ҷиҳатҳои эстетикии табиати рангини гирду атроф, зебоии наботот, дарахтони тирамоҳи заррин, нишебиҳои кӯҳу теппаҳо, парвозу садоҳои форами паррандагон, пайраҳаҳои печ

дар печи деҳаҳои кӯҳистон ҷалб намуда, онро шоирона ба қалам диҳед.

Ҳангоми тасвири ин ё он манзара тобиши рангҳои зард, сурх, ҷигарӣ, норинҷӣ, бунафш ва дигар рангҳоро, ки дар фасли тирамоҳи заррин хеле гуногунанд, ба эътибор гиред. Манзараҳо бояд бо рангҳои равшан тасвир ёбанд, ки тобишҳои гуногун ва ҳамоҳангии онҳоро дурахшон гардонад.

Тасвири манзараро тарзе ба анҷом расонед, ки самти рӯшноию соягӣ, ҷиҳати дурию наздикӣ ва рангҳо ба манзара ҳамоҳанг бошанд.



Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 10

## РАСМКАШӢ АЗ РӮЙИ НУСХАИ АСЛ

Рассомон дар нусхаи асл кӯшиш менамоянд, ки тасвири манзара бо неъматҳои табиат, гулу меваҳо, сабзавот ва ғайраҳо ҳаҷман миёна ба қалам дода шаванд. Мусавварахои як рассом бо рангу бор ва зебоиҳои хоси худ аз мусаввараҳои рассоми дигар ба куллӣ фарқ мекунад.

Натюрморти рассом А. Умаровро бодиққат тамошо кунед. Мебинед, ки дар натюрморт дастархони пурнеъмат тасвир ёфтааст ва дар тобиши гуногуни рангҳо, ҷобаҷогузории сабзавоту меваҳо, хусусиятҳои хоси миллӣ ифодаи пурраи худро ёфтаанд.

Акнун бо маслиҳати муаллим барои кашидани расми чунин натюрморт якчанд ҷисмҳои гуногуншаклро дар рӯйи миз тарзе гузоред, ки аз ҷиҳати композитсия мароқовару зебо бошанд.

Ҳангоми кор бо рангҳои акварел вобаста ба он, ки меваҳои интихобкардаатон чӣ гуна ранг доранд, ба тобиши рангҳо эътибор диҳед. Тасвирро бо рангҳои равшан оғоз кунед. Рангҳоро тавре ҷобаҷо гузоред, ки рӯшноӣ ва сояафкании нусхаи асл намоён шавад.



Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 11

## ТАСВИРИ ЧЕҲРАНИГОРӢ

Ҳангоми расмкашӣ аксарияти шумо тасвири чеҳраи одамро бо ҳар гуна хатҳо акс менамоед. Бинобар ин кӯшиш намоед, ки чеҳраи одам дар лаҳзаҳои истироҳат, кори саҳро, ё худ ҳангоми машқҳои варзишӣ бо ҳаракатҳои гуногун тасвир ёбанд. Оғози расм аз кашидани хатҳои нозуку равон ва озод сар мешавад. Пас аз он ки қисмҳои ҷудогонаи одамро таносубан дуруст инъикос намудед, кӯшиш кунед, ки узвҳои ҷудогонаи одам: чашм, бинӣ, даст, пой ва ғайра низ дуруст акс ёбанд. Хатҳои сояафканро дар расм дурахшонтар ифода намоед. Ин амалро метавонед бо рангҳо иҷро кунед. Тасвирро тарзе иҷро намоед, ки навоварию эҷодкории хоси шумо дар ҳамоҳангии рангҳо намоён гардад.







# ДАРСИ 12

## ТАСВИРИ ПАРРАНДАГОН

Омӯзиши олами ҳайвонот барои расмкашӣ хеле зарур аст. Паррандагон аз ҷиҳати шаклу ҳаракат ва зебоии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Дар мавриди аз асл расм кашидан фарқияти шаклу ҳаракати онҳоро аз рӯйи мушоҳида ба эътибор гиред. Барои дуруст иҷро намудани расм тасвирро аввал бо кашидани хатҳои равону умумӣ, ки композитсияро

равшан мекунанд, оғоз намоед. Ин хатҳои тасвиршуда бояд ба шакли умумии бадан, гардан, сар ва пойҳои парранда мувофиқ бошанд.

Узвҳои ҷудогонаи паррандагон: қанот, дум, чашм бояд бо роҳи муқоиса ва санҷиш тасвир карда шаванд. Расми кашидаатонро ҳам аз ҷиҳати фарқияти аслӣ, ҳам аз ҷиҳати эҷодкорӣ бори дигар санҷед. Баъд вобаста ба гуногунии рангҳои паррандагон ба ороиш бипардозед.



Расми 1.



Расми 2.



Расми 3.

## ДАРСИ 13

## ШАКЛСОЗӢ АЗ МАСОЛЕҲИ ТАБИӢ

Аз масолеҳи табиӣ — пар, ҷалғӯза, чӯбчаҳо, гил, пластилин, пӯчоқи тухм ва барги дарахтон барои офаридани акси ҳайвоноту паррандаҳо васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Барои дуруст ва мароқовар иҷро намудани ин амал аввал расми ҳайвон ва ё паррандаи интихоб кардаатонро кашед. Баъд тана, сар, қанотҳо, пойҳо ва дигар увзҳои онро аз коға-зи ранга, аз масолеҳи табиӣ ва рангҳои мувофиқ истифода бурда созед. Расмҳои дар зер оварда шударо ба эътибор гиред.

Қисмҳои ҷудогонаи расмҳои кашидаатонро бо мӯқалам оро диҳед. Кӯшиш намоед, ки дар расмҳои кашидаатон рӯш-ноӣ, соягӣ ва дурию наздикии ҷисмҳо равшан бошанд.



Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 14

## СОХТАНИ АВИАМОДЕЛ

Сохтану тасвир намудан ҳунар аст. Ҳунар тавассути ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ ба даст меояд. Завқи бадей ва салиқаи эҷодкорӣ дар сохтану тасвир намудан нақши бузург дорад.

Шумо аз дарсҳои гузашта бо нақша ва сохтани моделҳои гуногуни техникӣ шинос ҳастед. Акнун имкон доред, ки аз чӯб, коғаз, ришта, пластилин ва сим эҷодкорона истифода намуда, шакли дурусти авиамоделро созед.

Қисмҳои модели вертолётро (кабина, стабилизатор, дум, чархҳо ва ғайраҳоро аз рӯйи расмҳои 1 ва 2) алоҳида-алоҳида сохта, ба ҳам пайваст намоед. Баъд моделро бо рангҳои мувофиқ тарзе ороиш диҳед, ки зебоӣ ва ҳамоҳангии рангҳо ба назар намоён бошанд.



Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 15

## ОРОИШИ ГРАФИКӢ

Ороиши графикӣ як навъи санъати тасвириест, ки воситаи асосии тасвири онро расми якранг ва ё хатҳои борики рах-рах ташкил мекунанд. Графика ин тасвири ороиши бадеии китобу маҷаллаҳо, плакатҳои идона ва ғайраҳо мебошад.

Барои иҷрои он аввал бо қалам ва хатҳои борик шаклҳои гуногуни ҷисмҳо кашида мешаванд. Баъд корро бо ранги сиёҳ аз ҷойҳое, ки бояд аз ҳад зиёд сиёҳ шаванд, оғоз намуда, тамоми сояҳои аслӣ ва рӯшноиро дар ҳамворӣ нишон додан лозим аст.

Ҷойҳои торики фарқшавандаро бо рахҳои дурахшону зич ва ҷойҳои равшанро бо хатҳои борику аз якдигар дур бо туши сиёҳ ба қалам диҳед. Метавонед чунин плакатҳоро бахшида ба ҷашни Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Наврӯз, 8-уми март ва ғайра тайёр намоед.

Супоришро мустақилона аз рӯйи расмҳо иҷро кунед.




Расми 1.




Расми 2.

# ДАРСИ 16

## ТАСВИРИ АНГОРАИ (СУРОБИ) ОРОИШ

Тасвири ҳар як ороиш зебоиҳои хоси худро дорад. Ороиши асарҳои бачагона ва филмҳои тасвирӣ аз ангораи (суроби) ороиши рангҳо ва расмҳо равшан мегардад. Расс-омон барои образнокии афсона ё филмҳои тасвирӣ расмҳои ҳайвонотро мекашанд ва хулқу атвори хосу мураккаби онҳоро моҳирона ифода мекунанд.

Ангора акси пешакӣ буда, ҳангоми ба кор шурӯъ кардан аз қалами оддӣ, қаламҳои ранга, рангҳо истифода мебаранд. Барои он ки расм зебо, мароқовару образнок барояд, тарзи ҷойгиршавии ангораро ҳатман ба эътибор гирифтан зарур аст. Барои ба мақсад ноил шудан аз якчанд расм якеро интихоб намоед, ки аз ҷиҳати композитсионӣ хубу ба назар намоён бошад. Шояд расми интихоб кардаатон афсонаи дӯстдоштаатон Симурғ ё духтур Айболит бошад.

Расмро дар вароқи тоза кашед. Онро бо рангҳои мувофиқ ороиш диҳед, то ки ҷойҳои асосии расм назаррас бошанд. Атрофро бо таносуби рангҳои ороми паст акс намоед. Расмҳои дар поён омадаро бо диққат аз назар гузаронида, супоришро мустақилона иҷро кунед.



# РАСМИ 17

## РАССОМИ ЭҶОДКОР МУРУВВАТ БЕКНАЗАРОВ

Ҳунари рассомӣ дар қалби Мурувват Бекназаров аз айёми мактабхонӣ ҷӯш мезад. Баъди хатми мактаби миёна шавқу завқи зебопарастӣ ӯро ба даргоҳи омӯзишгоҳи рассомии шаҳри Душанбе ба номи Олимов овард ва орзуяш амалӣ гардид. Мурувват Бекназаров пас аз хатми омӯзишгоҳ ҳамчун ҳунарманди эҷодкор барои сайқал додани дониш ва маҳораташ таҳсилро дар Донишкадаи рассомии ҷумҳурии Эстония давом дод.

Баъди хатми донишкада ӯ ба шаҳри Душанбе баргашта ба корҳои эҷодӣ машғул шуд. Асарҳои худро асосан ба марди деҳқон ва манзараҳои рангини табиати кӯҳсори ҳамешабаҳори Тоҷикистон бахшидааст.

Мурувват Бекназаров рассоми эҷодкор буда, дар жанрҳои гуногун асарҳо офаридааст. Асарҳои ӯ «Кони Шӯроб», «Чойхонаи Исфара», «Надя», «Ҷавони мубориз афғон», «Манзараи кӯҳсор», «Портрети дӯстон», «Меъмори Шарқ», «Кӯчаи Бухоро» ва ғайра ҷолиби диққатанд.

Мурувват Бекназаров портретҳои зиёде низ офаридааст. Ҳамчун рассоми эҷодкору ҳунарманд солҳои 1980-1985 дар қатори беҳтарин рассомони Иттиҳоди Шӯравӣ аз Тоҷикистон ба Булғория, Африка, Ҳиндустон сафарҳои эҷодӣ намудааст.

Дар портрети ӯ "Вохӯрӣ" симои ду шахси мӯътабар — Абдулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода ҳангоми сӯҳбат тасвир ёфтааст. Ин портретро рассом бо эҳсосоти баланди эҷодӣ ва ҳамоҳангии рангҳое, ки зебоии асарро нишон медиҳанд, ифода намудааст.



Вохӯрӣ. Бекназаров М, 1981.

# ДАРСИ 18

## ОРОИШИ АРЧАИ СОЛИНАВӢ

Корҳои ороишӣ бо нақшу нигор дар мактаб шуғли дӯстдоштаи ҳар як хонанда ба шумор меравад. Хонандагони ҳамаи синфҳо бахшида ба ҷашнҳо рӯзномаҳои девории худро бо расмҳои гуногун ва зебо ороиш медиҳанд.

Ороиши арчаи солинавӣ аз ҷиҳати мазмун ва тарзи тасвир аз ҷашнҳои дигар бо пурмазмуниву рангорангӣ фарқ мекунад. Барои ҳамин ҳам кӯшиш намоед, ки дар ороиши арчаи солинавӣ бобои барфӣ, барфак, рақсидани кӯдакон дар гирди арча бо хусусияти хосу рангҳои дилчасп моҳирона ба

қалам дода шаванд. Дар расмҳо зебоию ҳамоҳангии рангҳои дурахшон ҳамаҷониба таҷассум гарданд.

Дурахшонии тасвирҳо аз ҳамоҳангӣ ва тозагии рангҳо вобаста аст. Дар ороиши арчаи солинавӣ доираи ҷаҳонбинӣ, тахаюлоту тасаввуроти офаридани сюжетҳо, шаклҳои ҳайвоноту паррандагонро васеъ истифода баред. Барои рангорангии ороиш аз коғазҳои ранга ва гуаш бештар истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.



Расми 1.



Расми 2.

## ДАРСИ 19

## ЭҶОДКОРӢ ДАР МАВЗӮИ ЗИМИСТОН

Ҳар як фасли сол зебоиҳои нотакрори худро дорад. Фасли зимистон бо боридани барф ва сардии худ зебо аст. Дар зимистон табиат дар оғуши рангҳои нотакрор қарор мегирад. Ба сардии зимистон нигоҳ накарда, кӯдакон ба бозиҳои чанатозӣ, яхмолакбозӣ ва сохтани ҳайкалчаҳо аз барф машғул мешаванд.

Расмро тарзе ба қалам диҳед, ки манзараҳои барфпӯши кӯҳсору бешазор, пайраҳаҳои борик, ки аз байни деҳа ба та-

рафи теппаҳои баланд мераванд ва одамон ба лижабозӣ ва гурӯҳи кӯдакон ба чанабозӣ ва аз барф сохтани ҳайкалчаҳо машғуланд, равшану зебо тасвир ёфта бошанд.

Расмро аввал бо хати равон тасвир намоед, то ки дар он эҷодкории шумо ифода ёбад. Дар мавриди бо ранг кор кардан ба тобиши рангҳо ва дурахшонии аксҳо эътибор диҳед. Кӯшиш намоед, ки тасвир бо ҳамбастагӣ ва зебоии рангҳои худ назаррабо гардад.



Расми 1.



Расми 2.

# ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Ба иҷрои корҳои ороишӣ машғул шавед. Ҳар як расм тарзи ороиши худро дорад ва аз рассом эҷодкориро талаб мекунад. Барои ҳамин ҳангоми иҷро намудани корҳои ороишӣ ба хусусияти рангҳо диққат диҳед, зеро ороиши зебо аз ҳамоҳангии рангҳо вобаста аст.



С. Нуриддинов. Лавҳаи кандакории «Гулистон».

Зебоии ороишро аз нигоҳи аввал бояд пай бурд. Ҳангоми ороиши расм аз рангҳои акварел ва гуаш тарзе истифода баред, ки тозагӣ ва зебоии вай намудор шавад.

Ба ин намуди санъати ороишӣ аз рӯйи нақшҳои кандакории рассом С. Нуриддинов шинос шуда метавонед. Аз ҷониби ӯ чандин хонаҳои истиқоматии шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Тошканд, Душанбе, Хуҷанд ороиш ёфтаанд.

С. Нуриддинов нақшҳои кандакориро бо як маҳорати нотакрор, композитсияи бою рангин ва хатҳои равону ҷӯяндагӣ, ки ороиши нақшро зебою рангин мегардонанд, акс менамояд. Асоси нозукиҳои нақшҳои офаридаи ӯро нақшофаринии гузаштагон ташкил медиҳад.

## ДАРСИ 20

## ТӮҲФА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Ҷашни Артиши миллӣ мавзӯи хеле шавқовар аст, зеро ҳар яки шумо дар дил орзу доред, ки мутахассиси хуб бошед ва дар сафҳои Артиши миллӣ содиқона хизмат намоед. Кашидани расмҳои силоҳу мошинҳо ва техникаи ҳарбиро ҳар яки шумо дӯст медорад ва онҳоро моҳирона тасвир мекунед. Ҳангоми иҷрои ин супориш композитсияро тарзе тартиб диҳед, ки он қисмҳои артиши ҳавоию пиёдагардро дар бар гирад. Мувофиқи хоҳиш сужети расмро аз тасаввурот, намоиши филмҳо, сӯҳбати калонсолону омӯзгорон гирифта метавонед. Расми кашидаатон бояд аз ҷиҳати эҷодӣ пурмазмун бошад.

Расмро аввал бо хатҳои борик дар рӯйи коғаз ба қалам диҳед, ки мақсади асосии шуморо ифода намояд. Баъд кӯшиш намоед, ки тасвир бо рангҳои равшан, бо таъсири рӯшноию сояафканӣ ҷило ёбад. Дар он зебоӣ ва ҳамоҳангии рангҳо намоён бошанд (ба расмҳои 1, 2 нигаред).



Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 21

## МАНЗАРАИ БАҲОР

Баҳор айёми шукуфтани гулҳо ва оғози кишту кор аст. Табиат аз хоби гарон бедор шуда, ба худ рангу намуди нав мегирад. Дар ин фасли зебо барои тамошо ва чидани гулҳо ба талу теппаҳо меравед. Ба манзараи гирду атроф, ки дарахтони санҷиту анҷир, бодому шафтолу, зардолую себ гулрез шудаанд, бодиққат назар афканед ва мебинед, ки ин манзара хеле назаррабо ва дилкаш аст. Фикр мекунед, ки баҳори нозанин дар ин давра ҳукмронии табиати рангинро пурра ба дасти худ гирифтааст.

Гулҳои табиатро мушоҳида намоед ва бубинед, ки онҳо чӣ гуна шакл ва ранг доранд. Ба хусусияти фарққунандаи онҳо аҳамият диҳед.

Ба қалам тасвир намудани манзараи гирду атроф бо баландиҳои кӯҳу саҳрои беканори сабззор композитсияро хеле дурахшон менамояд. Ҳангоми тасвир рангҳоро тарзе интихоб кардан лозим аст, ки онҳо ҳам ба шаклу намуд ва

ҳам ба композитсияи он мувофиқат кунанд. Манзараро бо рангҳои бунафш ва сурх, гулобӣ, норинҷӣ, ҷигарӣ, сабз, кабуд оро диҳед, то ки дар зери таъсири ҳамоҳангии рангҳои атроф манзара форам ва дилчасп нишон дода шавад. Дар расмҳои 1, 2, 3 ҳамворӣ ба нишебӣ омезиш ёфтааст, диққат диҳед ва кӯшиш ба харҷ диҳед, ки расм зебо бароад ва манзараи баҳори Тоҷикистони ҳамешабаҳорро ба таври ҳаққонӣ таҷассум намояд.



Расми 1.



Расми 2.



Расми 1.

# ДАРСИ 22

## КИШТУ КОРИ БАҲОРӢ

Баҳор фасли хеле рангину зебо, айёми сабзишу шукуфтани гулҳо буда, бо зебоиҳои худ нурафшонӣ мекунад. Дар баҳор одамон ба сайру тамошо ва чидани гулҳо мераванд. Марди деҳқон ба кишту кор, боғдорию ниҳолшинонӣ машғул аст ва шумо тамоми зебоиҳои табиати рангин ва меҳнати мардони саҳроро бо чашми худ мебинед. Аз рӯйи тасаввуроти худ манзараҳои зебоеро, ки дидед дар расм нишон диҳед. Манзараи кӯҳсор, теппаҳои пасту баланд, деҳаи хушманзара, сабзаи навхез, ҳамчунин натиҷаи меҳнати марди деҳқон дар он таҷассум гардад (ба расмҳои 1, 2 нигаред).

Дар аввал бояд расм бо хатҳои равону борик назаррас гардад. Ба зебоӣ ва тобиши рангҳои манзараи гирду атроф диққат диҳед ва баъд бо ранги интихоб шуда камтар ранги равшан ва ё тира илова намоед, то ки ранги дилхоҳи ба нусхаи асл монандро пайдо кунед. Бо мӯқалам рангро рӯйи расм тавре омезиш диҳед, ки нишебиҳо ва баландиҳои манзараи беканори дарахтзор ва киштзори саҳро бо дурахшонию соягафканӣ ва ҳамоҳангии рангҳо назаррас гардад. Кӯшиш



Расми 1.



Расми 2.

намоед, ки шаффофии аслии рангҳо ва тобишу тозагии онҳо ба чашми бинанда ҳаловат бахшад.

## ДАРСИ 23
## КОРҲОИ ОРОИШӢ

**Мавзӯъ: Ороиши меваю гулҳо дар нақшу нигор**

Барои ороиши нақшу нигор ва зебо офаридани асар аввал ҷойгиршавӣ ва кашидани хатҳои равону мавҷнокро, ки ҳамбастагии нақшу нигорро ба вуҷуд меоранд, муайян

намоед. Нақшу нигори меваю баргҳоро асосан дар ороиши либосҳо, зарфҳо, маснуоти чӯбӣ ва дар ороиши хона истифода мебаранд. Дар ороиши нақшу нигор ба тасвири ангур ва баргҳои он шинос ҳастед.

Нақшҳои мевагӣ аз ҷиҳати шакл соддаю мураккаб ва сершоху барг шуда метавонанд. Барои кашидани нақшҳои меваю баргҳо корро аз навда оғоз кунед. Хатҳои мавҷноку равон ба ҳар тараф паҳн шаванд. Аз рангҳои зарду сурхчатоб, гулобию, бунафш, ҷигарию норинҷӣ истифода намуда, кӯшиш кунед, ки ҳамоҳангӣ ва зебоию таровати рангҳо боқӣ монад (ба расмҳои 1, 2 нигаред).



Расми 1.



Расми 2.

## ДАРСИ 24
## СӮҲРОБ ҚУРБОНОВ

Сӯҳроб Қурбонов соли 1971 Донишгоҳи давлатии рассомии Москва ба номи В.Н. Суриковро хатм намудааст.

Эҷодиёти ин рассом хусусиятҳои ба худ хос дорад.

Сӯҳроб Қурбонов дар мавзӯъҳои гуногун асарҳо эҷод намудааст, ки аз истеъдоди баланди эҷодкорию кордонии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар эҷодиёти ин рассоми моҳир асарҳои «Имтиҳон», «Бузкашӣ», «Ҷавонӣ», «Оила», «Тоҷикистони ман», «Соҳиби замин» ва ғайра бо тасвирҳои хоси бадеӣ ва шавқовариву пурмазмунии худ мавқеи махсусро соҳиб аст.



Қурбонов С. У. «Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал»
(Абуалӣ ибни Сино).

Сӯҳроб Қурбонов дар тасвирҳои манзаравӣ ва чеҳранигориаш зебоии табиати рангини диёр, вазъияту ҳолати рӯҳии инсонро бо як нозукии ба худ хос ифода намудааст.

Рассом тавассути ҳамоҳангии рангҳои сурх, норинҷӣ, зард на фақат зебоии зоҳирӣ, балки зебоиҳои ботинии қаҳрамононашро, ки аз нури маърифат ва илму ҳунар саршоранд, (масалан, дар асари «Абӯалӣ ибни Сино») инъикос намудааст.

Ҳайкали Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар боғи «Дӯстии халқҳо», намоишгоҳи доимоамалкунанда дар хиёбони А. Рӯдакӣ, ороиши чандин биноҳову хиёбонҳои шаҳри Душанбе маҳсули эҷодиёти Сӯҳроб Қурбонов мебошанд. Сӯҳроб Қурбонов ҳамчун рассоми халқӣ дар байни мардум шӯҳрати баланд дошта, чандин сол аст, ки раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон мебошад.

# ДАРСИ 25

## ЭҶОДКОРӢ ДАР МАВЗӮИ ЧАВГОНБОЗӢ

Чавгонбозӣ таърихи хеле қадим дорад. Ин намуди бозӣ дар сар то сари мамлакатҳои Шарқ, махсусан дар сарзамини тоҷикон яке аз бозиҳои машҳури миллӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯз низ дар бисёр деҳаҳо байни мардум ин бозӣ вуҷуд дорад. Шумо ҳангоми ба қалам додани раванди ин бозӣ ба хусусиятҳои асосии он: ҳаракат, тохтутоз, тарзи либоспӯшӣ, ҷойи бозӣ ва дигар ҷиҳатҳо диққат диҳед.

Композитсияро тарзе тасвир намоед, ки аз ҷиҳати мазмун мароқовару рангинии бозии чавгон баръало намудор



Расми 1.



Расми 1.

гардад. Баъд бо мӯқалам ба ороиш ва рангу бори он машғул шавед. Азбаски бозӣ дар сабзазор гузаронида мешавад, кӯшиш намоед, ки ороиши рангҳо форам ва намоён бошад. Зебоӣ ва ҳамбастагии рангҳои атроф пурра тасвир ёбад.

# ДАРСИ 26

## НАТЮРМОРТ. ЧОЙНИК ВА ПИЁЛА

Азбаски натюрморти чойник шаклҳои гуногун дорад, ҳангоми кашидани расм ба мавқеи ҷойгиршавии он диққат диҳед, то ки композитсия мароқовар тасвир гардад. Барои ҳамин ба шакли аслӣ, дурию наздикии ҷисм бодиққат нигаред ва бо хатҳо нуқтаи асосии онро дуруст муайян кунед. Расмро аз ҳама ҷиҳат санҷед ва сипас ба тасвири он шурӯъ намоед.

Дар мавриди бо ранг кор кардан ба равшанӣ, торикӣ ва ҳамоҳангии рангҳо эътибор диҳед. Аз рангҳои равшан, тира, омехта истифода бурда ранги аслӣ ва дилхоҳатонро

пайдо кунед, зеро чунин тарзи кор ҳамоҳангии рангҳоро ба вуҷуд меорад.

Баъд бо мӯқалам рангро омезиш дода, шакли чойникро якбора бо ранг тасвир намоед. Ҳамчунин таҳрангии гирди чойникро ки аз таъсири ранги матоъ ва рӯшноии атроф тағийр меёбад, бодиққат тасвир намоед.

Кӯшиш намоед ки тасвири рӯшноӣ, торикӣ ва соякафканӣ дар ҷисми тасвиршуда, бо назардошти дар ҳамворӣ қарор доштани он, моҳирона бошад (ба расмҳои 1 ва 2 нигаред).



Расми 1.



Расми 2.

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Ҳар яки шумо ҳангоми фароғат расмҳои гуногунро тамошо мекунед. Агар ба расмҳо бодиққат нигаред, мебинед, ки ҳар як расм бо усулҳои гуногуни ороишию эҷодӣ офарида шудааст.

Дар вақти сайру тамошои кӯчаю хиёбонҳо, манзараҳои дашту саҳро шумо парвози гуногуни паррандагон, ба шохи дарахтон нишастани онҳоро дидаед. Мушоҳида намудаед, ки дарахтон бо шохҳои хушкшуда ва баргҳои хазонашон тасвирҳои аҷоибро ба хотир меоранд. Тасвирро эҷодкорона ва аз шаклҳои гуногун ба қалам диҳед. Дар ороиш рангҳои

гуногунро истифода баред. Фаромўш накунед, ки маҳз ҳамоҳангии рангҳо тасвиратонро зебо ва дилнишин мегардонад (ба расмҳои 1 ва 2 нигаред)..



Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 27

## КОРҲОИ ОРОИШӢ

Мавзўъ: Нақшу нигор дар кулолгарӣ

Ҳар як нақшу нигор ҳангоми бо рангҳо эҷодкорона ороиш додан дурахшон ва дилрабо мегардад. Аз ин рў ҳар як ҳунарманди эҷодкор кўшиш менамояд, ки нақши эҷод кардааш зебо барояд. Чунин нақшу нигорро рассомон бештар дар ороиши асбобҳои кулолӣ: табақчаю, кўзачаҳо, чойнику пиёлаҳо ва ғайра истифода мебаранд.

Устоҳои ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон ба ҷузъҳои ороиши нақшу нигори табақ, тарзи ороишу ҷойгиршавии ҳошия, шаклҳои гуногуни ҳаҷми он диққат медиҳанд. Барои бойигариҳои табиатро дар нақшҳои лаълию табақҳо зебову дилрабо нишон додан онро аз меваҷоту баргҳо оро медиҳанд. Одатан гирду атрофи табақ, лаълӣ, кўза ва косаҳоро ҳошияи гулу баргҳо иҳота мекунанд. Дар ин жанр ба ҳунари баланди рассомон А. Қодиров ва Ю. Зоболотников бодиққат назар кунед (ба расмҳои 1, 2, 3, 4 нигаред).

Дар варақ мустақилона аз растаниҳои гуногун композитсияи ороиши табақҳоро (лаълиҳоро) тартиб диҳед. Нақшу нигори гуногунро бо гулу меваҳо ва баргҳо дар шакли доира тарзе ҷобаҷо гузоред, ки он аз эҷодкорӣ ва ҳунари баланди шумо гувоҳӣ диҳад.



Расми 1.



Расми 2.



Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 28

## ТАСВИРИ МОШИНҲО

Машғулияти мошинсозӣ, тасвири шакли тамғаҳои гуногун ва сохтани конструксияи онҳо дар ташаккули маҳорати наврасон ёрии калон мерасонад; зеро дар ин ҳолат онҳо ба асосҳои мошинсозӣ, конструксияҳо, кори двигателҳо ва механизмҳои гуногуни он шинос мешаванд. Дар бисёр муассисаҳои таълимӣ маҳфилҳои гуногуни техникҳои ҷавон



Расми 1.



Расми 2.



Расми 3.



Расми 4.

амал мекунад, ки шавқу ҳаваси наврасонро ба техника бедор мекунад.

Моделҳоро аз масолеҳи оддӣ сохтан мумкин аст. Аз коғаз, қуттиҳои гуногун истифода бурда, моделҳои мошини сабукрав, боркаш ва автобусро созед. Мошини сабукравро дар намуди оддӣ аз се қуттии гӯгирд сохтан мумкин аст. Барои ин ба андозаи муайяни росткунҷа ду қуттии гӯгирдро ба ҳам ширеш намуда, дар болои он қуттии сеюмро гузоред ва баъд бо коғаз онро тарзе ширеш кунед, ки шакли мошин намудор шавад.

Дар қисми поёни паҳлӯҳои он чор сӯрохӣ гузошта аз онҳо сим гузаронед ва қисмҳои боқимондаро дар мавриди ороиш додан ба эътибор гиред. Барои дуруст иҷро намудани ин модел аз расмҳои 1, 2, 3, 4 истифода баред.

## ДАРСИ 29

## ГИЛКОРӢ

Одамон аз замонҳои қадим ба гилкорӣ машғул буданд. Аз гилкорӣ санъати кулолгарӣ ба вуҷуд омадааст. Гил маводи аз ҳама паҳншудаи санъати ороиши бадеӣ ба шумор меравад. Аз гил табақ, коса, кӯза, сервизҳои ороишӣ, ҳай-